# Маълумоти мухтасар оид ба
# курси муодилаҳои дифференсиалии оддӣ

Курси мазкур ба методҳои ҳал ва таҳқиқоти аниқи мавҷудият ва ягонагии намудҳои ҳалли муодилаҳои дифференсиалии оддӣ бахшида мешавад. Мақсади курс - ёрии методӣ ба хонандагон ва ташаккули дониши математикии онҳо дар тадбиқи ҳалли масъалаҳои соҳахои гуногуне, ки дар натиҷаи протсесҳои эволюсионӣ ба вуҷуд мебиёянд, иборат аст. Курси пешниҳодгардида пурра барномаи стандарти давлатиро дарбар мегирад. Ин курс барои донишгоҳҳо, донишкадаҳо ва инчунин барои колледжҳое, ки курси пурраи математикаро меомӯзанд, пешбинӣ гардидаст.

Курси муодилаҳои дифференсиалии оддӣ аз 16 лексия (мавзӯъ) иборат буда, дар ҳар як лексия мисолу масъалаҳои намуна ҳал карда шуда, мисолҳо барои кори мустақилонаи хонандагон оварда шудааст.

Муодилаҳои дифференсиалӣ қисми муҳими илми математика ба шумор рафта, он аппарати асосӣ барои сохтани модели математикии масъалаҳои физикӣ, иқтисодӣ, техникӣ ва илмҳои дигар мебошад.

Муодилаҳои дифференсиалӣ ба муодилаҳои дифференсиалии оддӣ ва муодилаҳои дифференсиалӣ бо ҳосилаҳои хусусӣ ҷудо мешаванд. Дар ин курс фақат муодилаҳои дифференсиалии одии тартиби якум омӯхта мешаванд.

Баъди 8 лексия (мавзӯъ) санҷиши фосилаввии якум (рейтинги 1), баъди лексияи 16-ум санҷиши фосилавии дуюм (рейтинги 2) ва дар охири курс имтиҳон месупоред.

Барои омӯхтани курс ба Шумо муваффақият!!!

Суроғаи электронӣ: jamshed-80@mail.ru

jamshed-80@gmail.com